Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Манучеҳри Нозимии Раҷабзода дар мавзуи "Ташкили баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит)**

Ба коркарди асосҳои назариявӣ ва ташкилию методии баҳисобгирӣ ва назорати тағйирёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ таҳқиқотҳои илмӣ ба таври кофӣ бахшида нашдуааст, новобаста аз он ки масъалаҳои алоҳида дар корҳои олимонӣ ватанӣ ва хориҷӣ баррасӣ шудаанд. Ин аз мубрамии мавзуи таҳқиқотӣ ва аҳамияти баланди амалии он шаҳодат медиҳад.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаро таҳлил намуда (с. 6) қайд менамоем, ки кор дорои навгонии илмӣ, аҳамияти амалӣ буда, барои иҷрои мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот равона гардидааст ва ба содда гардондани ҷараёни баҳисобгирӣ ва назорати тағйирёбии дороиҳои биологӣ мусоидат менамояд ва сифати маълумоти баҳисобгирии пешниҳодшавандаро баланд мебардорад.

Бояд қайд намуд, ки Манучеҳри Н.Р. таҳқиқоти диққатҷалбкунанда ва мустақили моҳият ва мафҳуми дороиҳои биологиро анҷом додааст (с. 8) ва таснифоти онҳоро аз рӯйи якчанд аломатҳо пешниҳод намудааст.

Унсури навгонии илмии натиҷаҳои бадастмадаи таҳқиқот хусусиятҳои ташкилӣ, технологияи истеҳсолии соҳаи парандапарварӣ, ки ба ташкили баҳисобгирии бухгалтерӣ таъсири муассир мерасонанд, аз рӯйи 18 аломат гурӯҳбандй карда шуда, вобаста аз самти фаъолият аз руйи ду гурӯҳ тафсир карда шудааст (с. 13).

Саҳми муҳим дигар ин коркарди асосҳои назариявӣ ва методии назорати дохилӣ мебошад, ки муаллиф баҳисобгирӣ, назорат ва таҳлил дар алоқамандии органикӣ дида баромадааст ва модели ташкили назорати дохилии ҷараёни тагйирёбиҳои биологӣ дар парандапарвариро пешниҳод карда шудааст (с. 13-14).

Ба аҳамияти амалии пешниҳодҳо унвонҷӯй оид ба гурӯҳбандии объектҳои баҳисобгирии хароҷот бо мақсади ташаккули баҳисобгирии таҳлилӣ диққат медиҳем, ки бо тарзи анъанавӣ (ҷойи бавуҷудоӣ, маркази масъулият) ва инноватсионӣ (қисмҳо, бизнес–ҷараёнҳо, амалиётҳои

бизнес–чараёнхо, давраи хаёти махсулот ва гайра) чудо карда шудааст (с. 16), хамзамон методикаи ташкили бахисобгирии таркибӣ ва тахлилии харочоти тагйирёбихои биологӣ дар парандапарварӣ нишон дода шудааст.

Пешниходи унвончӯй оид ба объектхои калкулятсия ва вохидхои калкулятсионӣ дар парандапарварӣ аз рӯйи гурӯхи технологӣ (с. 18) ахамияти амалӣ дошта, инконият фарохам овард, ки ӯ тархи мантиқии кушодани хисобхои таркибӣ ва тахлилиро асоснок намояд (с. 19), инчунин тартиби хисоби арзиши аслии махсулот аз рӯйи хар як гурӯхи технологӣ коркард ва пешниход намояд.

Дар баробари ин, мавқеъи муаллиф доир ба баходихии доройхои биологӣ дар парандапарварӣ асоснокунии иловагиро талаб мекунад. Мо мефахмем, ки чунин асосноккунӣ дар қисми асосии диссертатсия мумкин оварда шуда бошад. Вале мавчудияти чунин маълумот дар автореферат мухтавои авторефератро пурмазмун мегардонид.

Эроди дар боло овардашуда ақидаи мусбии моро оид ба диссертатсияи Манучехри Н.Р. хамчун тахқиқоти тахасусманд, ки дар сатхи баланди илмӣ-назариявӣ ичро гардида, ахамияти илмӣ дорад ва сахми назррас дар рушди бахисобгирӣ ва назорати тағйирёбии доройхои биологӣ дар парандапарварӣ ифода мекунад, тағйир намедихад.

Хамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи дар сатхи зарурӣ омода гардида, аз чихати мазмун ба талаботи бандхои 31, 33, 34, 35 “Тартиби додани унвонхои илмӣ” (қарори Хукумати Чумхурии Точикистон тахти рақами 267 аз 30 июни соли 2021) чавобгӯ мебошад ва муаллифи он - Манучехри Нозимии Рачабзода сазовори дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Бахисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Бахисобгирии мухосибӣ ва аудит) мебошад.

**Муқарриз,**
**номзади илмхои иқтисодӣ,**
**сармухосиби ЧДММ «ИСМ Точикистон»** **Розиев Д.А.**

**Имзои дотсент Розиев Д.А. - ро тасдиқ менамоям:**
**Сардори шуъбаи кадрхои ЧДММ**
**«ИСМ Точикистон»** **Шодиева Ф.М.**

Сурога 734012, Чумхурии Точикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Х. Ахрорӣ, блоки 1, хонаи 140/1 тел. +992 (48)7020030, факс +992 (48)7020030, почтаи электронӣ: dilshod_01.06@mail.ru, www.caiconsulting.tj

29. 01. 2025